# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.KOA-004 ДАР НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БА ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОСИ 08.00.05–ИҚТИСОДИЁТ ВА ИДОРАКУНИИ ХОҶАГИИ ХАЛҚ: МЕНЕҶМЕНТ

**Парвандаи аттестатсионии № ___**

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 27.02.2021, суратҷаласаи №64**

Оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05–Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент ба Қурбонов Шайдулло Ятимович шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсия дар мавзӯи «Мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05–Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент, аз 14-уми ноябри соли 2020, суратмаҷлиси №72 аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17), ки бо фармони КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.05.2019, №96 таъсис ёфтааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Қурбонов Шайдулло Ятимович соли 2011 факултети география, шуъбаи туризми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айниро бо ихтисоси хизматрасонии иҷтимоӣ-маданӣ ва туризм хатм намудааст.

Аз соли 2020 инҷониб ҳамчун муаллими калони кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

**Роҳбари илмӣ** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон **Қодирзода Диловар Баҳриддин** таъйин шуд.

**Муқарризони расмӣ:**

**Муҳаббатов Холназар Муҳаббатович** – доктори илмҳои географӣ, профессори кафедраи методикаи таълими география ва туризми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ;

**Сафарӣ Умед Анвар** – номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори филиал-муовини сардори Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи тақриздиҳанда -** Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва меҳмондории Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат Қурбонов Ё.С. омода намуда (суратҷаласаи №6, аз 29 январи 2021с.), аз ҷониби Ректори Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асрорзода У.С., санаи 30.01.2021с. тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсияи Қурбонов Шайдулло Ятимович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ кори илмӣ – тахассусии анҷомёфта буда, аз рӯйи навгониҳои таҳқиқот тибқи шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.000.05.–Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент иҷро гардида, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботи “Низомномаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016 сол, таҳти №505 тасдиқ шудааст.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 08.00.05–Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва

корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо бо паҳлуҳои гуногуни мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла рушди сайёҳӣ, ширкати сайёҳӣ, хароҷоти бахши сайёҳӣ, идоракунӣ ва ташкили дурусти сайёҳӣ, мукаммалгардонии инфрасохтори сайёҳӣ, идоракунии сайёҳӣ, стратегияи сайёҳӣ алоқамандии зич доранд.

Довталаб муаллифи 16 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти довталаб нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

[1-М] Қурбонов, Ш.Я. Ҷойгоҳи соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]/ Ш.Я. Қурбонов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –№5/1(2413-5151). – 2019.–С.83-89 (0,5 ҷ.ч.).

[2-М] Қурбонов, Ш.Я. Омилҳои иқтисодӣ-иҷтимоии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.Я. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –№5/2(575.3). – 2019.–С.63-69 (0,5 ҷ.ч.).

[3-М] Қурбонов, Ш.Я. Идора ва танзими давлатӣ, мукаммалгардонӣ ва дастгирии давлатии рушди сайёҳӣ дар шароити муосир [Матн] / Ш.Я. Қурбонов, Ҷ.Н. Ёров, И.Р. Иброҳимов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –№6/(575.3). –2019. –С.80-86 (дар ҳаммуаллифӣ-0,2 ҷ.ч.).

[4-М] Қурбонов, Ш.Я. Баррасӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои баҳодиҳии соҳаи сайёҳӣ ва танзими ҳаракати маҳсулоти сайёҳӣ [Матн] / Ш.Я. Қурбонов, Ҷ.Н. Ёров, И.Р. Иброҳимов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –№6/(575.3). –2019.–С.109-114 (дар ҳаммуаллифӣ-0,25 ҷ.ч.).

[5-М] Қурбонов, Ш.Я. Баъзе масъалаҳои мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ ва тамоюлҳои он дар шароити муосир [Матн] / Ш.Я. Қурбонов, Д.Б. Қодирзода, Ҷ.Н. Ёров // Паёми Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – №1 (69) 2020. Душанбе 2020.–С. 90-99 (дар ҳаммуаллифӣ - 0,35 ҷ.ч.).

[6-М] Қурбонов, Ш.Я. Мукаммалгардонии идоракунии соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир [Матн] / Ш.Я. Қурбонов, Д.Б. Қодирзода, Ҷ.Н. Ёров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –№8–2020.–С.171-179 (дар ҳаммуаллифӣ-0,28 ҷ.ч.).

[7-М] Қурбонов, Ш.Я. Ҳолати муосир ва дурнамои рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: идоракунӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегӣ [Матн] / Ш.Я. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –шумораи №1–2021.–омодаи чоп аст (-0,25 ҷ.ч.).

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1.Амонова Д.С. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон бо эродҳои зерин: 1. Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлой-техникӣ ҷой доранд; 2. Дар автореферат на ҳамаи роҳҳо ва ҷанбахои идораи рушди сайёҳии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойдошта акс ёфтаанд.

2.Шарипов Б.М. – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сарходими илмии шуъбаи тадқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демография, бо эродҳои зерин: 1. Навгониҳои илмӣ ба таври возеҳ кушода нагардидаанд; 2. Муаллиф дар автореферат таҷрибаи давлатҳои Аврупоро дарҷ кардааст, ки аз рӯи хусусиятҳои географӣ ва иқтисодӣ аз Тоҷикистон қисман фарқ мекунанд; 3. Автореферат таҳрири ҷиддиро талаб менамояд.

3.Ризоқулов Т.Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор. Муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, бо эродҳои зерин: 1. Муаллиф дар автореферат таҷрибаи хориҷии идоракунии самтҳо ва роҳҳои мукаммалгардонии идоракунии сайёҳиро баррасӣ кардааст, вале доир ба истифодаи таҷрибаи мусбати Ҷумҳурии Узбекистон далелҳои мушаххас наовардааст; 2. Муаллиф дар автореферат таҷрибаи хориҷии идоракунии самтҳо ва роҳҳои мукаммалгардонии идоракунии сайёҳиро баррасӣ кардааст, вале доир ба истифодаи тачрибаи мусбии Ҷумҳурии Узбекистон қисман далелҳои мушаххас наовардааст.

4.Садриддинов Н.Т. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, бо эродҳои зерин: 1. Ба ҳолати муосири соҳаи сайёҳӣ ва муайян намудани тамоюлҳои рушди он дар автореферат қисман баҳо дода шудааст; 2. Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд.

5.Саидова М.Ҳ. – доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессори кафедраи менеҷменти ДДТТ, бо эродҳои зерин: 1. Дар автореферат ақидаи шахсии муаллиф оид ба истифодаи таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи сайёҳӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда нашудааст; 2. Маълумотҳои омории баъзе аз ҷадвалҳои овардашуда давраи то соли 2018-ро дарбар мегиранд. Хуб мешуд агар бо истифода аз солномаи оморӣ маълумотҳои то соли 2019 – ворид карда мешуд.

Ҳамаи тақризҳои ба автореферати диссертатсия пешниҳодшуда мусбатанд ва дар онҳо зикр шудааст, ки норасоиҳои ошкоршуда арзиши илмии қисматҳои назариявӣ ва амалии дисертатсия мазкурро кам намекунанд ва андешаҳо хислати пешниҳодӣ ва тавсиявӣ доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти илмии аз ҷониби унвонҷӯ ба анҷом расонидашуда:**

- самтҳои мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ дар шароити муосири иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дуруст ва

самаранок ба роҳ мондани идоракунии фаъолияти сайёҳӣ, ки ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд ва дурнамои рушди сайёҳӣ, ки бо истифода аз моделҳои гуногун асоснок гардидаанд, **коркард карда шудааст;**

- мафҳум ва моҳияти идоракунии рушди соҳаи сайёҳӣ аз нигоҳи илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, назарияи олимони соҳавӣ тавсиф карда шуда, дар асоси таҳлилҳои илмӣ муайян карда шуд, ки идоракунии рушди соҳаи сайёҳӣ категорияи гуногунҷанба буда, механизми дурусти татбиқи он **таҳқиқ ва пешниҳод шудааст;**

- ҳолати муосири рушди соҳаи сайёҳӣ таҳлил гардида, дар заминаи нишондодҳои иқтисодӣ бо истифода аз моделҳои математикӣ дурнамои соҳаи сайёҳӣ барои давраи то соли 2030 муайян карда шуд. Дар раванди тадқиқот, рушди соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз ҳадафҳои муҳими стратегӣ баромадкунанда **исбот карда шуд;**

- тавсияҳои илмию амалӣ оид ба мукаммалгардонии идоракунии соҳаи сайёҳӣ дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ **пешниҳод гардидаанд.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки:**

- қисмҳои асосӣ ва хулосаҳо дар шакли тавсияҳои мушаххас оварда шудаанд ва онҳоро метавонанд мақомоти Ҳокимияти давлатӣ ва идораҳои маҳаллӣ барои мукаммалгардонии фишанги идоракунӣ ва дастгирии рушди соҳаи сайёҳӣ бо мақсади баландбардории самаранокии иқтисодиёти миллӣ ва беҳтаргардонии сифати зиндагии аҳолӣ истифода намоянд. Дар натиҷаи истифодаи амалии тадқиқот, усулҳо ва фишангҳои идоракунӣ, дастгирии давлатии соҳаи сайёҳӣ, ки ба омода намудани менеҷер-соҳибкорони баландихтисоси соҳаи сайёҳӣ аҳамияти амалӣ дорад, исбот гардид.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- пешниҳод гардидааст, ки коркарди барномаҳои рушди фаъолияти сайёҳӣ дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ бояд ба барномаҳои рушди сайёҳии минтақавӣ, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроияи минтақавӣ тарҳрезӣ шудааст, **такя намояд.** Ҳар як минтақа вобаста аз хусусиятҳои хоси худ бояд самти афзалиятноки рушди фаъолияти сайёҳии худро муайян созад. Ин барномаҳо бояд мавҷудияти тавсифоти муайян ва нишондиҳандаҳои рушди соҳаи сайёҳиро пешбинӣ намоянд;

- мукаммалгардонии идоракунии соҳаи сайёҳӣ ва гузаронидани фаъолияти таблиғотии фаъол, ки самти асосии идоракунии рушди соҳа маҳсуб меёбанд, **оварда шудааст;**

- теъдоди зиёди иштирокчиён ва гуногунии маҳсулот дар бозори сайёҳӣ, бо дарназардошти вижагиҳои мукаммалгардонии идоракунӣ дар рушди сайёҳӣ, ки ба мақсад мувофиқ мебошанд, **баён гардидааст;**

**Баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор намуд, ки:**

- нуктаҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба осори илмии донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ асос ёфта, бо маводи интишории довталаб, ки оид ба мавзӯи диссертатсия ба нашр расидаанд, мувофиқат мекунанд;

-дар таҳқиқоти диссертатсионӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалӣ, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои собитшудаи олимони соҳа истифода шудаанд, ки баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашударо баланд месозанд;

– натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда навгонии илмӣ доранд.

– натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои такмили идоракунии рушди сайёҳӣ, такмили сиёсати давлатӣ оиди рушди соҳаи сайёҳӣ, амалӣ гардидани сиёсати ҷалби сайёҳони хориҷӣ, **мусоидат мекунанд.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад,** ки натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълими

фанҳои менеҷменти сайёҳӣ, маркетинги сайёҳӣ, ташкили сайёҳӣ, географияи сайёҳӣ, иқтисоди сайёҳӣ ва сайёҳии байналмилалӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **татбиқ гардидаанд;**

- хулосаҳои асосии кор дар шакли тавсияҳои мушаххас таҳия гардидаанд, ки аз ҷониби Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **коркард ва ҷорӣ карда шудаанд;**

- табиати иқтисодии сайёҳӣ ҳамчун шакли фаъолияти бахши муҳими иқтисодӣ, хусусиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии он, ки ба қонеъ намудани ниёзҳои ҳамарӯзаи истироҳатӣ, фароғатӣ, шиносоӣ, касбӣ, динӣ, солимгардонӣ ва беҳдоштӣ равона гардидааст, **муайян ва пешниҳод гардид;**

- идоракунии сайёҳӣ ҳамчун яке аз фишангҳои асосии танзими сайёҳӣ, ифодагари тақсимоти босамари мақсадҳо ва вазифаҳо миёни зерсохторҳо ва муассисаҳои ба сайёҳӣ вобаста буда, раванди ташаккулдиҳии он, ки боиси пешрафт ва даромадофарии соҳаи сайёҳӣ мегардад, **собит гардидааст;**

Заминаи методологӣ ва назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои олимону иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ ташкил додаанд, ки қонуниятҳои ташаккул ва рушди бозори дохилиро ошкор намудаанд. Ҳангоми таҳияи диссертатсия санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иттилооти оморӣ ва маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои расмии Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳии назди Созмони Миллали Муттаҳид ва ҶСП «Ориент-Адвентур», мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ва ғайра **истифода шудаанд.**

Асарҳои олимони ватанӣ ба монанди Ғаниев Т.Б., Қодирзода Д.Б., Диловаров Р., Ёров Ҷ.Н., Қодиров Ф., Қодирова М., Муҳаббатов Х., Саидмуродов Л.Ҳ., Солеҳзода А.А., Саидмуродова М. А., Самиев А.,

Саидова М., Сафаров У.А., Сайфуллоев Н.Н., Умаров Ҳ.У., Шукуров Б.У. ва дигарон чун заминаи назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ **истифода шудаанд**.

**Саҳми шахсии муаллиф аз** татбиқи нақшаи кори диссертатсионӣ, ба монанди коркарди мавзӯъ, асосноксозӣ ва мубрамияти он иборат буда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудаанд. Муаллиф дар таҳқиқи асосҳои назариявии идоракунии сайёҳӣ, таҳлили ҳолати муосир ва тамоюлҳои рушди сайёҳӣ ва самтҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳмгузор аст.

Дар ҷаласаи 27 феврали с.2021 Шӯрои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Қурбонов Шайдулло Ятимовичро бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент қабул кард.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонии Шӯрои диссертатсионӣ 17 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 12 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.- Иқтсодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент, диссертатсияи баррасишаванда. Аз 21 нафар ҳайати умумии Шӯрои диссертатсионӣ, овоз доданд: тарафдор - 17, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

***Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,***
***д.и.и., профессор*** ***Ҳ.Р. Исайнов***

***Котиби илмии Шӯрои***
***диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент*** ***М.А. Саидмуродова***

***27-уми феврали соли 2021***